**Протоколи № 7**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-136**

«18» сентябри соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

**Муовини раиси шуро:** Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2026, №291/шд тасдиқгардида, 11 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ 5 ва ихтисоси 1.4.5. Химияи физикӣ 5 нафар, ки онҳо докторони илм аз рӯйи ихтисосҳои диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи диссертатсияи Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар мавзуи: «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои химия, профессор Джураев Т.Дж. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар мавзуи: «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар мавзуи: «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Содатдинова Анҷуман Садридиновна дар мавзуи: «Комплексҳосилкунии нуқра(I) бо ҳосилаҳои имидазол дар об ва

ҳалкунандаҳои обӣ-органикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Бадалов Абдулхайр, доктори илмҳои химия, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

- Раҷабов Умаралӣ, доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи фармасевтӣ ва заҳршиносии МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;

- Қурбонов Амиршо Соҳибназарович, доктори илмњои химия, директори филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ ва ядроии АМИТ дар вилояти Хатлон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти химия ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои расмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 08.12.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ, профессор — Норова М.Т.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия, дотсент — Бобокалонов Т.Б.